«Тасдиқ мекунам»
ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, д.и.х., профессор
Насриддинзода Э.С. ________
аз «__» ________ соли 2025

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар мавзуи «Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301–Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология дар кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст. Дар марҳалаи омода намудани диссертатсия муаллифи диссертатсия Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил ба ҳайси докторанти PhD кафедраи зикршуда фаъолият менамуд.

Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, соли 2010 ба ихтисоси психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, донишгоҳи мазкурро соли 2014 хатм намудааст. Баъдан солои 2014 ба зинаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда онро соли 2016 бомуваффақият хатм кардааст. Сипас, барои идомаи таҳсил дар зинаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси психология ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои худро илми месупорад ва дар асоси натиҷаи мусбии имтиҳони қабули доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси психология, бо фармоиши ректор аз 11-уми октябри соли 2017, таҳти №323-05 ба ҳайси докторант аз рӯйи ихтисос дар кафедраи психологияи факултети фалсафаи донишгоҳи зикргардида дар гурӯҳи буҷавӣ қабул мешавад ва бо сабаби иҷро накардани нақшаи инфиродӣ бо фармоиши ректори донишгоҳ дар курси 3-юм моҳи январи сол

2020 таҳти №06-05 аз донишгоҳ хориҷ мешавад. Баъдан моҳи сентябри соли 2020 №312-05 бо фармоиши ректори донишгоҳ дар курсаш (курси 3) барқарор шуда, докторантураи PhD-ро 01-уми сентябри соли 2021 таҳти №309-05 аз рӯйи ихтисоси психология хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар маҷлиси кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 13-уми декабри соли 2017, суратмаҷлиси №4 ва қарори Шурои олимони факултети фалсафаи ДМТ аз 21-уми декабри соли 2017, таҳти №6 зери унвони «Омилҳои психологии тараққиёти зеҳнӣ ва шахсияти хонандаҳо дар ҷараёни ҳалли масъалаҳои таълимӣ» зери роҳбарии доктори илмҳои психологӣ, профессор Атахонов Р. тасдиқ гардид. Сипас, дар асоси аризаи докторанти PhD Бобобекзода Меҳроҷидин ва розигии Раёсати донишгоҳ соли 2018 роҳбари диссертант ва ивази мавзуъи муҳаққиқ сурат гирифт. Яъне, мавзуи рисолаи илмии докторанти PhD аз рӯйи ихтисоси психология Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар ҷаласаи кафедраи зикргардида аз 5-уми декабри соли 2018, суратмаҷлиси №05 ва ҷаласаи Шурои олимони факултети зикршуда аз 12-уми декабри соли 2018, суратмаҷлисӣ №5 аз «Омилҳои психологии тараққиёти зеҳнӣ ва шахсияти хонандаҳо дар ҷараёни ҳалли масъалаҳои таълимӣ» ба «Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон» иваз шуда, ҳамзамон роҳбари илмии докторанти PhD, номзади илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психология Шарипова М.Ё. тасдиқ мегардад.

Роҳбари илмии докторанти PhD Бобобекзода Меҳроҷидин номзади илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон М.Ё. Шарипова мебошад.

Дар асоси аз худ кардани нақшаи таълимии зинаи доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисос ба Бобобекзода Меҳроҷиддини Абдуҷалил шаҳодатнома оид ба супоридани маҷмуи имтиҳонҳо маълумотномаи академӣ (транскрип) санаи 27-уми сентябри соли 2025, таҳти №20 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон» хулосаҳои зерин бароварада шуд:

- мавзуи диссертатсия ба ихтисоси 6D050301–Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология мувофиқат мекунад.
- масъалаи таҳқиқшуда аҳаммияти муҳимми назариявию илмӣ ва амалиро соҳиб мебошад. Яъне масъалаи пошхӯрии оилаҳо, таъсири психологии талоқ ба ҳолатҳои эмотсионалии наврасон ва роҳҳои солимгардонии муносибатҳои оилавӣ, махсусан миёни зану шавҳар, дар замони муосир аҳаммиятнок мебошад. Чунки падару модар шахсони калидию таъсиррасон ба рушдӣ шахсият ва иҷтимоишавии наврасон маҳсуб меёбанд. Инчунин, дар синни наврасӣ бӯҳрони психофизиологӣ зуҳур мекунад, ки андеша, гуфтор ва рафтори ҳамвораи наврасро ба тағйироту дигаргуншавӣ мубаддал мегардонад. Агар дар ин давра ҳолати эмотсионалии наврас дар заминаи муносибатҳои оилавӣ хуб набошад, бӯҳронро ба мушкилӣ асар мегузаронаду осораш дар давоми ҳаёти минбаъда боқи мемонад. Аз ин лиҳоз, муҳаққиқи ҷавон масъалаи мазкурро бо асоснокунонии илмӣ мубрам дониста, ба сифати мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор додааст;
- дар асоси ҳадафи таҳқиқот вазифаҳои зеринро кори диссертатсионӣ дар бар мегирад: омӯзиш ва таҳлили адабиёти психологии марбути мавзуи таҳқиқотӣ бо мақсади дақиқ намудани мафҳумҳои асосии таҳқиқот; таҳлили назариявии талоқ ҳамчун омили зоҳиршавии эмотсияҳои манфи дар наврасон; ташкил кардани гурӯҳи мувофиқи озмудашавандагон; интихоби методҳои омӯзиши ҷиҳати таҳқиқ ва ташхиси ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасон аз оилаҳои пурра ва нопурра; муайян намудани таъсири талоқ ба зуҳуроти ҳолатҳои эмотсионалии наврасписарон ва наврасдухтарон; коркарди тавсияҳо барои омӯзгорон, мураббиён ва волидон ҷиҳати солимии равонӣ ва рушди бомароми шахсияти наврасон ва ғайра, ки чунин вазифагузорӣ барои объективона

таҳқиқ кардани мавзуи «Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон» ифодакунандаи апарати илмии диссертатсия мебошад;

- натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ барои самаранок гардонидани фаъолияти психологҳои мактабӣ, омӯзгорону мураббиён, падару модарон дар раванди таълиму тарбия ва татбиқи чорабиниҳои психокоррексионию инкишофдиҳӣ, мутобиқнамоӣ ба муҳити нав мавриди истифода қарор гирифта, сатҳу сифати кори онҳоро баланд мебардорад;
- ба эътибор гирифтани аҳаммияти амалии таҳқиқот дар заминаи амалӣ намудани тавсияҳо ва хулосаҳои диссертатсия дар амалияи психология ва таълиму тарбияи насли наврас фазои солими психологиро ҳукумфармо мегардонад;
- натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро дар раванди машваратҳои психологӣ, ташхисҳои психологӣ, барномаҳои психокорексионӣ, таҳияи модулҳои омӯзишӣ оид ба масъалаҳои солимӣ–равонии наврасон ва муносибатҳои оилавӣ истифода бурда мешавад;
- омӯзиши методологии таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон аз ҷониби муҳаққиқ системанок таҳлил гардида аст. Ҳамзамон дар раванди таҳқиқоти мазкур доир ба мавзуъ консепсияҳои муҳаққиқони барҷаста ба таври васеъ истифода шудааст, ки асосҳои назариявию методологии кори диссертатсиониро боз ҳам мантиқи ва устувор гардонидаанд;
- дар диссертатсияи мазкур навгонии илмии таҳқиқот ба таври зарурӣ асоснок гардида, андешаҳои назаррас пешниҳод шудааст, ки дар раванди муносибатҳои оилавӣ, мутобиқшавии наврасон ба муҳити нав ва таълиму тарбияи наврасон аҳаммияти хоса дорад. Мақсад ва вазифаҳои кори диссертатсионӣ доираи васеи масъалаи таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалиро дар рафтору гуфтори наврасон фарогир буда, бо асосноккунонии илмию таҳлили психологӣ пурра

гардонида шудааст, ки дар илми психологияи ватанӣ таҳқиқоти тоза ба шумор меравад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар раванди таҳқиқот назаррас буда, мубрамияти мавзуъ, ҳадафи асосии таҳқиқот, иҷрои вазифаҳои дар пеш гузошташуда, марҳалаҳои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи диссертант ба анҷом расидааст, ки аз маҳорати баланди донишандузии ӯ дарак медиҳад. Диссертант дар доираи таҳқиқоти хеш. пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳои таҳлилӣ, пешниҳоди мушаххас ва нуқтаҳои илмии худро дар интишороташ ҷо намуда, бо асосноккунонии илмию иқтибосоварӣ исбот кардааст, ки дар ҷодаи фаъолияти илмӣ аз муваффақ будани ӯ шаҳодат медиҳад.

Диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалилро дар мавзуи «Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301–Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия яке аз масъалаҳои муҳимми илми психология буда, дар замони муосир ва раванди таълиму тарбия аҳаммияти хоса дошта, ҷанбаи назариявию амалиро доро мебошад. Таҳқиқоти мазкур дар илми психологияи ватанӣ ҳамчун як таҳқиқоти хусусияти миллидошта ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад. Зеро диссертатсияи мазкур дар чорчӯбаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои психологии рушди ҷомеа дар шароити ҷаҳонишавӣ равона шудааст, таҳия ва иҷро гардидааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба рамзи ихтисоси 6D050301–Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқнамуда, пурра мутобиқат менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, 3 боб, 9 зербахш, хулоса, тавсияҳо, адабиёти истифодашуда, замима ва феҳристи интишороти илмии

довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст.

Корҳои нашршудаи диссертант ва автореферат мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 маърӯза дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба табъ расидааст, ки мазмуну моҳияти рисолаи илмиро дар бар мегирад. Яъне диссертант дар интишороти худ натиҷа, хулоса ва тавсияҳои аз таҳиқоти бадастовардаашро ҷо намудааст. Теъдоди маводи чопшуда аз ҷониби диссертант ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқат мекунад.

Мақолаҳои илмии диссертант дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Аз ҷумла:

[1М]. Шарипова М.Ё., Бобобекзода М.А. Исследование влияния развода на эмотциональное состояние подростков [Матн] / М.Ё. Шарипова, М.А. Бобобекзода // Паёми пажуҳишгоҳи рушди маориф. Бахши илмҳои педагогӣ-психологӣ. – Душанбе. – 2025, №3 (51). – С. 93-101

[2М]. Бобобекзода М.А. Аксуламалҳои психологии наврасон ба талоқи волидайн [Матн] / М.А. Бобобекзода // Паёми академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Бахши илмҳои психологӣ. – Душанбе. – 2025, №3 (48). – С. 356-363

[3М]. Бобобекзода М.А. Талоқ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ-психологӣ [Матн] / М.А Бобобекзода. // Паёми пажуҳишгоҳи рушди маориф. Бахши илмҳои педагогӣ-психологӣ. – Душанбе – 2025, №2 (50). – С. 98-103

[4М]. Бобобекзода М.А. Таҳлили роҳёфтҳои илмии омӯзиши инкишофи психофизиологӣ дар синни наврасӣ [Матн] / М.А. Бобобекзода // Паёми академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ-психологӣ. – Душанбе. – 2019, №3 (32). – С. 89-95

Муаллифи рисола дар як қатор конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва

байналмилалӣ иштирок ва маърӯза намудааст. Аз ҷумла:

[1М]. Бобобекзода М.А. Ҳолатҳои эмотсионалӣ ҳамчун зуҳуроти психологӣ [Матн] / М.А. Бобобекзода // Маводи конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мазуи «Илми тоҷик: имрӯз ва фардои он» бахшида ба рӯзи илми тоҷик ва солҳои рушди иқтисодӣ ва инаватсия» (ш. Хуҷанд, 25 апрели 2025).– Хуҷанд, 2025. – С. 236-239

[2М]. Бобобекзода М.А. Исторический взгляд на использование психологических знаний в области семеных отношений [Матн] / М.А. Бобобекзода // Криминалистика в международном измерении: материаль всероссийской научно-практической конференции с международным участием (ш. Москва, 21 апреля 2023).– Москва, 2023. – С. 196-201

[3-М] Маҳмудов Ш., Бобобекзода, М.А. Худбаҳодиҳӣ ва дараҷаи иддао дар занҳои талоқшуда / Ш. Маҳмудов, А.М. Бобобекзода // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Масъалаҳои хушунат ва роҳҳои пешгирии он». – Душанбе, 2019. – С. 72-75.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди истеҳсолот, яъне ҳангоми мураттаб намудани барномаҳои мақсаднок, модулҳои омӯзишӣ, озмоишҳои худташакулдиҳандаю машварати психологӣ ва дигар ҳолатҳо мавриди истифода қарор гирифта метавонанд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди пажуҳиши минбаъдаи масъалаи психологияи муносибатҳои оилавӣ ва рушди шахсияти фарзандон ҳамчун сарчашмаи илмию методологӣ хизмат намояд.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилу баррасӣ ва хулосабарории диссертатсияи мазкур чунин

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи таҳиянамудаи докторанти PhD Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар мавзуи «Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301–

Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар мавзуи «Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301–Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология, бо назардошти ислоҳи эроду тавсияҳои гирфташуда, барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-066 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.
3. Аз раиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-066 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки хулосаи кафедраи психологияро ба инобат ҷирифта, рисолаи илмии муҳаққиқ Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар мавзуи «Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301–Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психологияро ба ҳимоя пешбарӣ намояд.

Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 15-уми октябри соли 2025 протокол таҳти №03 қабул гардидааст. Иштирок доштант: ҳамагӣ 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -16 нафар, «зид» - нест; «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа: мудири кафедраи психологияи факултети фалсафаи ДМТ, доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси психология, дотсент** **Саидзода Б.Х.**

**Котиби ҷаласа: н.и.с., дотсент** **Расулов С.Х.**

**Имзоҳои Б.Х. Саидзода ва С.Х. Расуловро тасдиқ мекунам, Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**

15-уми октябри 2025с.